# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-062 назди Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон ба диссертатсияи Муртазозода Ораз дар мавзӯи «Такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ**

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-062 назди Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Муртазозода Ораз дар мавзӯи «Такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар ҳайати се нафар интихоб карда шудаанд:

1. **Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович** - раиси шуро, доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, раиси комиссия;
2. **Ҷабборов Абдусатор Ҷабборович** - узви шуро, доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, аъзои комиссия;
3. **Шамсзода Илёсҷон Сафарович** - узви шуро, доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, аъзои комиссия.

Комиссия, пас аз омӯзиши амиқи таҳқиқоти диссертатсионии Муртазозода Ораз, онро ҳамчун як кори мустақилонаи илмӣ – тахассусии баитмомрасонида баҳо дода, зикр менамояд, ки ин таҳқиқот дар сатҳи баланди илмӣ анҷом ёфта, ба татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар дар самти рушду густариши тиҷоратикунонии навовариҳо, боло бурдан ва саҳм гузоштан ба иқтисодиёти инноватсионии кишвар мутобиқ мебошад:

1. Кори диссертатсионии Муртазозода Ораз дар мавзӯи «Такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» таҳқиқоти шахсии докторант ба шумор меравад. Қоидаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, ки барои пешрафти илми иқтисод метавонад мусоидат намоянд, ба муаллифи диссертатсия тааллуқ доранд. Татбиқи пешниҳодҳо ва тавсияҳои дар кор таҳияшуда, ки барои мусоидат ба амалӣ гардидани ҳадафи чоруми стратегӣ, яъне саноатикунонии босуръати кишвар, идоракунии

рушди инноватсионии соҳаи саноат дахл доранд, ба рушди иқтисоди миллӣ мусоидат мекунад. Тавсияҳои дар диссертатсия зикргардидаро метавонанд ҷиҳати таъсис додани инфрасохтори замонавии саноатӣ, ба монанди кластерҳои инноватсионӣ ва паркҳои индустриалӣ- инноватсионии соҳавӣ ва экосистемаҳои саноатӣ, истифода намоянд.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 32,33, 34 ва 35- и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия фарогири масъалаҳои мубрам вобаста ба идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноати кишвар буда, дорои мазмун ва мантиқи ягона мебошад.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба Шиносномаи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 апрели 2025 № 168/ш.д ҳуқуқи барои ҳимояи диссертатсияи доктории Муртазозода Ораз дода шудааст, мувофиқат мекунад.

4. Тибқи банди 13 «Низомномаи Шурои диссертатсионӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 ) ва банди 14 «Тартиби додани розигӣ ба шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва хизмати давлатӣ барои таълиф ва ҳимояи диссертатсия» (Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2021, таҳти № АП–98) барои ҷамъбасти ниҳоии натиҷаҳои илмӣ ва ҳимояи диссертатсияи докторӣ 28 майи соли 2025 бо ариза ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намудааст. Розигии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҳимояи рисолаи доктории Муртазозода О. аз 10 сентябри соли 2025 таҳти №26/10-49 гирифта шудааст.

5. Натиҷаҳо ва нуктаҳои асосии таҳқиқот дар маҷаллаҳои гуногуни илмӣ нашр гардида, аз ҷониби муаллиф 63 кори илмӣ, аз он ҷумла, 39 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35- и Тартиби додани дараҷаи илмӣ мувофиқ мебошад.

6. Дар таҳқиқоти диссертатсионии илмии Муртазозода Ораз истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровarда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

7. Дар диссертатсияи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Муртазозода Ораз маълумотҳои ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла, дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида, мавҷуд нест.

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.KOA-062 диссертатсияи Муртазозода Ораз дар мавзӯи «Такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

## ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Муртазозода Ораз дар мавзӯи «Такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мутобиқ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295) омода гардида, ба самти шурои диссертатсионии 6D.KOA-062 мувофиқ мебошад ва дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ дар ҷаласаи якдафъаинаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-062 дар назди Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

— **Ашуров Иҳтиёр Саидович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи молия ва карз Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон;
— **Зияева Манижа Давроновна** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, дотсенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
— **Қаюмӣ Шаҳзода Тағо** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, директори МД "Маркази такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони системаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ".

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

« 26 » сентябри с.2025

**Раиси комиссия:**

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
раиси шурои диссертатсионӣ **Комилов С.Ҷ.**

**Аъзоёни комиссия:**

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ **Ҷабборов А.Ҷ.**

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
аъзои шурои диссертатсионӣ **Шамсзода И.С.**